# Ҳашаротҳои зарарасони пахта.

Дар пахтазор миқдори бисёри ҳашаротҳои зараррасон инкишов менамоянд. Пешгири ва мубоиризаи саривақти бо хашаротҳои зараррасон кафолати ба даст даровардани хосили дилхоҳи сифатнок мебошад. Дар давраи аввали нашунамои пахта зарари асосиро кирми тирамоҳӣ ва ғӯза, ширинчаҳо, трипси тамоку ва тортанаккана мерасонанд.

**<u>Кирми тирамоҳӣ</u>** – баргҳои навсабз ва ниҳолҳои пахтаро аз реша нобуд месозад. Баъди саросар зиёд шудани ҳашарот нуқтаи сабзиши нихолҳоро ҳам хоида нобуд месозад. Шабпараки модина дар танаи алафҳои бегона ба монанди печак, ширгов,шӯра ва дигрҳо то 2000 дона тухм мегузоранд. Кирминаҳо баъди 4 – 10 рӯз аз тухм мебароянд, рангашон хокистарии заминмонанд буда дарозиашон то 5см мерасад. Онҳо дар қабати хок пинҳон шуда пояи ниҳолро аз дохил ва ё аз сатҳи замин хоида нобуд месозанд. Кирмҳо шабона бисёр фаъол мешаванд. Барои инкишофи онхо хокҳои нисбатан хушк мувофиқ мебошад. Зимистонро гамбӯсакҳо дар чуқурии 10 -30см хок мегузаронанд.


**шабпараки кирми тирамоҳӣ**


**гамбусаки кирми тирамоҳӣ**

**<u>Чораҳои мубориза:</u>** 1. Усулҳои пешгири ва агротехникӣ – Шудгори тирамоҳӣ дар чуқурии 38 – 40см; гузаронидани яхоб;тоза намудни майдон ва атрофи он аз алафҳои бегона; объёрӣ намудани киштзор. 2. Усули химиявӣ – истифодаи захрдоруҳо ба монанди Фостак 0,25л/га; Детис 0,6-0,7л/га. 3.Усули биологӣ: истифодаи Габробракон ваТрихогрмма.

**<u>Ширинчаҳо –</u>** ба пахта асосан се намуди ширинчаҳо (ширинчаи калони пахта; ширинчаи сиёҳи юнучқа ва полезӣ) зарар мерасонанд.


**ширинчаҳои полизӣ**


**ширинчаҳои сиёҳи юнучқа**

Ширинчаҳо хашаротҳои маканда, майда буда дарозиашон аз 1 то 2,1 мм- ро ташкил медиҳад. Ҳашаротҳои (калонсол) болиғи онҳо қанотдор ва беқанот буданашон мумкин аст. Якто ширнчаи модина то 80 дона насл медиҳад. Фаъолии наслдиҳии он дар ҳарорати 20 – 25 градус баланд мегардад. Ранги ширинчаҳо зардча, сабзи баланд ва сиёҳ мешавад. Ширинчаҳо дар таги барг ва шохчаҳои наврас чойгир шуда шираи онро мемаканд, дар натиҷа баргҳо пажмурда, инкишоф наёфта, хеле хурд мемонанд ва кадкашии растани суст мешавад. Ширинчаҳо аз худ маҳлули ширешӣ ихроҷ менамоянд, ки он рӯи баргро мегирад ва дар он занбӯругҳо инкишоф ёфта сифати хосили пахтаро паст мегардонад. Таъсири зарари ширинча ба ҳосили пахта то 5ц/га ва зиёдтар мебошад.

<u>**Сафедболак**</u> – ҳашароти майда, дарозии болиғи он на беш аз 3мм, қаноташ сафед мебошад. Сафедболакҳо ба оилаи пулакчаболҳо монанд бошанд ҳам, аммо ба ширинчаҳо наздик мебошанд. Одатан онҳо дар таги барги пахта чойгир мешаванд ва ихроҷи онхо ба рӯи баргҳои дар таг буда қабати тунуки ҷилодор пайдо мекунонанд ва дар он ҷой занбӯруғҳои сиёҳ афзоиш меёбанд. Дар ин ҳолат рӯи барг аввал сафед ва баъдан сиеҳ мешавад. Сафедболакҳо шираи растаниро мемаканд ва ба пажмурдашавӣ, зардшавии барг ва нобуд шудани растанӣ оварда мерасонанд. Тухми сафедболакҳо шохчаи на он қадар дароз дорад. Кирми аз тухм баромада ҷои мутобиқро ёфта мечаспад ва пойҳои худро мекашад. Аз ин лиҳоз кирмҳои сафедболак ноҷумбон мебошанд. Одатан сафедболакҳо дар пахтазор нимаҳои якуми моҳи август пайдо шуда то рехтани барг зарари худро мерасонанд. Дар вақти чиниш шира ва сиёҳи сифати пахтаро паст мекунад.



**Сафедболакҳои калон**



**Гуруҳи сафедболакҳо**

Азбаски ширинчаҳо ва сафедболакҳо маканда мебошанд усули мубориза онҳо якхела аст.
<u>**Чораҳои мубориза:**</u> 1.Усули кимёвӣ: БИ-58«Нав», Делфос-1,0-1,5л/га, Нурелл-Д-0,6-1,0л/га,Карате0,4-0,5л/га,Булдок-0,8-1,0л/га.Тиодан-1,5-2,0л/га хусусан муқобили сафедболак.
2. Усули биологӣ: истифодаи энтомофагҳо Тиллочашмак.

**Трипси тамоку –** ранги ҳашарот зарди сафедчатоб ва ҷигарии балланд буданаш мумкин аст. Дарозии танаи болиғи он 0,7-1,0 мм буда дар як мавсим 4-5 давраи афзоиши дорад. Дар давраи ҳаёти 20-25 рузаш як трипси модинаи болиғ то 100 дона тухм мегузорад. Дар мухлати 8-10 рӯз аз тухм кирминаи синни 1 мебарояд. Трипс дар баргу шохчаҳои нав афзоиш ёфта ҷойгир шуда шираи растаниро мемакад. Дар ҷои зарардидаи барг доғи нуқратоби ҷилодор пайдо шуда хушк мешавад ва мерезад.

 

**Трипси болиғи тамоку** **Зараррасонии трипс**

Хангоми дар масохати100см. мурабби пайдо шудани 60 дона трипс баргҳои растани мепечанд, нуқтаи сабзиш кач шуда боиси пайдошавии ҳалқа мегардад. Растани аз инкишоф мемонад ва баъзан нобуд мешавад. Пайдошавии трипс дар майдони пахтазор даҳаи дуюми моҳи май буда то охири июнь давом медиҳад. Афзоиши трипс дар заминҳои хушк дар авҷ мегардад, бинобар ин заминро нам нигоҳ доштан мувофиқи таб аст.
**<u>Чораҳои мубориза:</u>** 1.Усулҳои пешгирӣ ва агротехникӣ: нигоҳ доштани зичии оптималии ниҳол; нест кардани алафҳои бегона дар пахтазор ва атрофии он. 2.Усули кимёвӣ: Фазалон – 2,5-3,0л/га; Тиодан –1,5-2,0л/га; Карате –0,4-0,5л/га; Конфидор-0,2-0,4л/га.
**Кирми пахта (хлопковая совка) –** давомнокии ҳаёти шабпараки кирми гуза вобаста аз ҳарорати ҳаво 20-40 рӯзро ташкил менамояд. Дар ин муддат болғи модинаи он 500- 1000 ва бо зиёдиаш то 3000 дона тухм мегузорад ва пас аз 2-4 дар тобистон 4-12 шабонаӯз дар тирамоҳ кирмҳо тавлид мешаванд.То синни шабпаракии кирмҳо 13-22 рӯз мегузарад. Дар давоми як фасл вобаста аз ҳарорати ҳаво то 5- 6 насл гузоштанаш мумкин аст. Кирмҳои синни 1 - 2 баргҳои навсабзида ва нуқтаи сабзиши ниҳолро хоида нобуд месозанд. Кирмҳои синашон 3-6 шона, гул, ғӯра, кӯракҳоро сӯрох намуда мехуранд ва ин боиси нобуд ва пусиши кӯракҳо мегардад.

 

**Шабпараки кирми пахта** **Зараррасонии кирми пахта**

Саршавии парвози шабпаракҳои кирми гуза ба 18-20 градус расидани ҳарорати миёнаи шабонарузӣ оғоз меёбад, ки ин ба даҳаи якӯми моҳи май дуруст меояд. Бинобар ин зарароварии насли якӯми ҳашарот дар ҷуворимакка , помидор ва лубиёгиҳои барвақтӣ мушоҳида мешавад. Шабпаракҳо дар вақти шом ва шабона фаъол мешаванд. Ҳадди экономикии зарарраснии кирми гуза 8-12 дона дар 100 ниҳоли пахта мебошад.
**<u>Чорахои мубориза:</u>** 1.Усулхои пешгирӣ ва агротехникӣ: шудгори тирамохӣ бо пешиспор; яхобмонӣ ва киштгардон. 2. Усули биологӣ: габробракон, трихомаграмма ва истифодаи

домҳои феромонӣ. 3.Усули кимёвӣ: Нурелл-Д-0,6-1,0л/га; Суми-алфа0,5-0,6л/га;Талстар-0,03-0,06л/га; Карате- 0,4-0,5л/га.

**Тортанаккана -** бисёр майда буда дарозии танааш хамаги 0.2-1 мм мебошад, рангаш зард,сабзтоб ва сурхтоб мебошад. Ҳшарот гуруҳ-гуруҳ дар таги барги пахта ҷойгир шуда бо тори тортанак худро руйпуш менамояд.







**тортанаккана** **гуруҳи тортанаккана** **энтомофаги тортанаккана**

. Тортанаккана ба барг захмҳои бисёр зада ба воситаи он маводи ҳучайраҳоро мемакад. Дар ин ҳолат баргҳо сурх, бӯрранг ва зарди доғор шуда хушк мешаванд ва меафтанд. Дар натиҷаи аз ҳад зиёд афзоиш ёфтани тортанаккана растани нобуд мешавад. Дар давоми фасл тортанаккана аз 18 то 20 насл гузошта метавонад. Ҳарорати баланд ва хушкӣ афзоиши ҳашаротро метезонад.

**Чораҳои мубориза:** 1.Усулхои пешгирӣ ва агротехникӣ: шудгори тирамоҳӣ, киштгардон, яхобмонӣ, пахтазоро дар вақташ обёрӣ ва бо озуқа таъмин намудан.

2. Усули кимёвӣ: Омайт 2,5-3,0 л/га; Нисоран 0,1 л/га; Олтинггугирди хока 20-30 кг/га.

3: Усули биологӣ: истифодаи тиллочашмак аз руи меъёри 500-1000 дар 1 гектар.

Қайд кардан зарур аст, ки аз заҳрдоруро дар ҷои ҷамшавии ҳашарот (на ба ҳамаи замин яклухт), ки пешаки муайян карда шудааст, истифода бурдан муфиқи матлаб мебошад. Дар ин ҳолат, аз як тараф энтомофагхои фоидаовар нобуд намешаванд ва аз тарафи дигар маблағ ва қувваи кори каммасраф мешавад.

**Директори ТҶ «Мушовири Ирригатсиони Аграрӣ»**
**номзади илми хоҷагии қишлоқ, доцент**
**Исомутдинов С.И.**